«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж. Б. ________________
«25» ______________ соли 2025.

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад дар мавзуи «Вижагиҳои ғоявӣ ва услубии руҷуъҳои лирикӣ дар адабиёти бадеӣ (дар мисоли осори устод Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад докторанти кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба шумор мерафт.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад соли 2015 ба ихтисоси журналисти умумии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2019 хатм намуд. Пас аз хатми Донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба зинаи магистратура аз рӯйи ихтисоси журналист – тарҷумони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2021 зинаи мазкурро бо ихтисоси журналист – тарҷумон хатм намуд.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода) аз 31.08.2021 таҳти №160 – 4д ба ҳайси докторанти кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигорӣ қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода) аз 30.12.2021, қарори № 5/4-5 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад номзади илмҳои филологӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи

байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович мебошад.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар таърихи 21.09.2024, таҳти № 3/632 ба докторант аз рӯйи ихтисос (PhD) дар бораи супоридани имтиҳоноти маҷмуӣ маълумотномаи академӣ (транскрипт) додааст. Довталаби дараҷаи илмӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 03.07.2024, № 07(46) 02-248) фарқиятҳои академиро аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 –Адабиёти тоҷик) супоридааст. Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад барои супоридани фарқият варақаи инфиродӣ додааст.

Ҳамчунин, дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31.10.2024 таҳти № 07(48) 02-564) докторант дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фарқиятҳои академии дараҷаи магистриро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик дар муқоиса бо ихтисоси журналист – тарҷумон дар ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода супоридааст.

Диссертатсияи Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад дар мавзуи «Вижагиҳои ғоявӣ ва услубии руҷуъҳои лирикӣ дар адабиёти бадеӣ (дар мисоли осори устод Айнӣ)» дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 20.01.2025, №6/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Вижагиҳои ғоявӣ ва услубии руҷуъҳои лирикӣ дар адабиёти бадеӣ (дар мисоли осори устод Айнӣ)» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Номи мавзуъ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мувофиқат мекунад**.**

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Мавзуи диссертатсия ба “Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, № 503 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Илова бар ин, ба маводи диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик, назарияи адабиёт, адабиёти ҷаҳон ва рӯзноманигорӣ метавон такя кард.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мувофиқат мекунад. Муҳтавои асосии диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо, конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назариявии ҳайати проффесорон ва омӯзгорони кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиккунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Масъалаҳои дар рисола баррасишуда дар якчанд самт қобили татбиқанд: хулоса ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро ҳангоми таълифи китобу дастурҳои назарии адабиётшиносии тоҷик мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Дар ҷараёни таълими фанни "Назарияи адабиёт" дар макотиби олӣ, ки ҷузъи муҳими барномаи таҳсилоти филологӣ маҳсуб мешавад, таҳқиқоти мазкур роҳнамои хуб буда метавонад. Дар таҳияи курсҳои махсус (лексияҳо) дар мавзуъҳои "Василаҳои рушди адабиёти муосири тоҷик", "Сабки лирикию публитсистӣ дар эҷодиёти устод Айнӣ" ва "Методологияи таҳлили асарҳои бадеӣ" низ метавонанд аз хулосаҳои диссертатсия баҳраманд гарданд. Дар раванди дарсҳои амалӣ ва семинарӣ вобаста ба ташаккули мақсадноки ҷаҳонбинии миллӣ-худогоҳӣ дар осори адибони нимаи аввали асри XX, бахусус, дар эҷодиёти Садриддин Айнӣ аз натиҷаҳои диссертатсия метавон ба таври васеъ истифода кард.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқарраротри ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи зарурӣ роҷеъ ба вижагиҳои корбурди руҷуи лирикӣ дар эҷодиёти устод Айнӣ ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян намудани аҳаммияти илмию бадеии он дар адабиёт мушаххас мешавад.

Диссертатсияи Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад дар мавзуи **«Вижагиҳои ғоявӣ ва услубии руҷуъҳои лирикӣ дар адабиёти бадеӣ (дар мисоли осори устод Айнӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мутобиқат менамояд:

- Бандҳои 31-35-37 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» - и Қарори Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,8 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**


1. Пиров, М.М. Руҷуъҳои лирикию публитсистӣ дар повести “Одина”-и Садриддин Айнӣ / М.М. Пиров // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. – № 3 (55). – С. 194-202.
2. Пиров, М.М. Вазифаҳои сухани муаллиф ва руҷуи лирикӣ дар асари бадеӣ / М.М. Пиров // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. – № 4 (52). – С. 241-248.
3. Абдураҳимов, Б.А., Пиров, М.М. Забон, тарзи баён ва анвои руҷуъҳои лирикӣ / Б.А. Абдураҳимов, М.М. Пиров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – № 6 (107). – С. 119-126.
4. Пиров, М.М. Нигоҳе ба ташаккули сухани муаллиф ва руҷуъҳои публитсистӣ дар осори Айнӣ / М.М. Пиров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2024. – № 3 (110). – С. 153-162.
5. Абдураҳимов, Б.А., Пиров, М.М. Руҷуи психологӣ – баёнгари эҳсосот ва руҳияи муаллиф ва қаҳрамонҳои асар / Б.А. Абдураҳимов, М.М. Пиров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2024. – № 4 (111). – С. 179-186.


**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**


1. Пиров, М.М. Ташаккули сухани муаллиф дар осори публитсистӣ ва бадеии устод Айнӣ / М.М. Пиров // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар замони муосир» («Актуальные проблемы языкознания и летературоведения в современном времени»). – Душанбе, 2022. – С. 317-323.
2. Мираҳмадзода, М.М. Эпиграф, пролог, эпилог – ҳамчун шакли хоси сухани муаллиф / М.М. Пиров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Истифодаи мероси педагогии мутафаккирони форс дар тарбия ва ташаккули хислатҳои ахлоқию маънавии омӯзгорои оянда». – Душанбе, 2024. – С. 217-222.

3. Мираҳмадзода, М.М. Руҷуи лирикӣ дар назми эпикӣ (дар мисоли "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ) / М.М. Мираҳмадзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Шоҳномаи Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳуввияти миллӣ». – Душанбе, 2024. – С. 403-408.

## Ҷаласа қарор қабул кард:

1. Диссертатсияи Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад дар мавзуи «Вижагиҳои ғоявӣ ва услубии руҷуъҳои лирикӣ дар адабиёти бадеӣ (дар мисоли осори устод Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад дар мавзуи «Вижагиҳои ғоявӣ ва услубии руҷуъҳои лирикӣ дар адабиёти бадеӣ (дар мисоли осори устод Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 20.01.2025, №6/1 қабул гардидааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 17 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** "тарафдор" – 17 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт Шамсов Н. С.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёт Боев Ш. Э.

Имзоҳои Н.С. Шамсов ва Ш. Э. Боевро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Халифаев Ф. Н.

Нишонӣ: 734019, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: +992 372325000; факс: +992 372325003; сомона: www.dbz.tj